**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Ҷиҳонова Гулчаҳон Абдураҳмоновна дар мавзуи "Замина ва тарзу воситаҳои калимасозӣ дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст.**

Марҳилаи нави таҳаввулоти сиёсиву иқтисодӣ ва фарҳангии Тоҷикистон, ки ба замони истиқлоли миллӣ пайванд мегирад, дар баробари равандҳои дигар ба рушди забон ва адабиёти миллӣ низ муассир омад.

Омӯзиши масъалаҳои мубрами калимасозӣ дар забони тоҷикӣ яке аз масъалаҳои мубрам дар илми забоншиносии тоҷик буда, дар он таҳқиқи роҳҳои калимасозӣ, тарзу восита ва заминаи ташаккули гурӯҳҳои сохтории калимаҳо дар давраҳои муайни таърихи гузаштаи забон дар маҷмуъ ё дар доираи осори ин ё он шоири ҷудогона ба шумор меравад.

Мавзӯи диссертатсияи Ҷиҳонова Гулчаҳон Абдураҳмоновна дар мавзуи «Замина ва тарзу воситаҳои калимасозӣ дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ» дорои аҳамияти баланди илмӣ ва амалӣ буда, дар заминаи таҳқиқи забони адабии форсии тоҷикӣ, хосатан дар замони ташаккули адабиёти классикӣ ва рушду такомули забони адабӣ, нақши калидӣ мебозад.

Бо таваҷҷуҳ ба он ки ғазал жанри асосӣ ва пурбори адабиёти классикии форс-тоҷик буда, бештар аз ҳама тавассути воситаҳои бадеӣ ва забонӣ ифода меёбад, омӯзиши замина ва воситаҳои калимасозӣ дар он имкони амиқтар фаҳмидани ҷаҳонбинии мутафаккирон, равандҳои фаҳмиши эстетикӣ ва забоншиносии асрҳои миёнаро фароҳам месозад.

Аз ин рӯ, омӯзиши калимасозӣ дар ашъори Ҷалолиддини Балхӣ на танҳо барои тавсеаи илмҳои забоншиносӣ ва адабиётшиносӣ аҳамият дорад, балки барои шарҳу тафсири дурусти ғазалҳои ин мутафаккири бузург низ мусоидат мекунад. Илова бар ин, таҳқиқи чунин мавзуъ дар замони ҳозир, ки масоили эҳёи мероси илмию фарҳангии ниёгон дар маркази таваҷҷуҳи ҷомеаи илмӣ қарор дорад, саривақтӣ ва зарур мебошад.

Сканировано с CamScanner

Тахкикот аз мукаддима ва ду бобу 32 фаслу зерфасл иборат аст. Дар мукаддимаи кор зарурияти тахкики мавзўъ асоснок ва ҳадафу вазифаҳои таҳкикот муайян карда шудааст

Максади асосии таҳкиқ аз он иборат аст, ки заминаҳои назариявӣ ва амалии калимасозиро дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ муайян намуда, тарзҳо ва василаҳои забонӣ ва услубии ташаккули вожаҳо дар ашъори ў таҳлил ва гурўҳбандӣ шудаанд.

Таҳқиқ ба он нигаронида шудааст, ки усулҳои гуногуни калимасозӣ — аз ҷумла, роҳҳои сохту таркиби морфологии калимаҳо, тарзу воситаҳои ташаккул ва дар заминаи кадом роҳҳо ва қолабҳои сохтории калимасозӣ сохта шудани онҳо, таносубан бо ин мукаррар намудани ба кадом ҳиссаи нутқ мансуб будани гурўҳҳои сохтории калимаҳо, муайян намудани роҳҳо ва қолабҳои сермаҳсули сохта шудани онҳо дар ғазалҳои Мавлоно равшан созад ва нақши онҳо дар ғанигардонии забони шеърии асрҳои миёна нишон дода шавад.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки бори аввал сохту таркиби морфологии калимаҳо, тарзу восита ва заминаи ташаккули онҳо дар ғазалиёти Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ ба таври мушаххас таҳқиқ шудааст.

Диссертант Ҷиҳонова Гулҷаҳон Абдураҳмоновна дар ду боби кораш аз усулҳои таҳқиқотии синхронию диахронӣ, муқоисавӣ, таҳлили сохторӣ, таҳлили таҷзияи ҳиссаинутқии таркиби морфологӣ ва хулосабарорї истифода бурда, доираи роҳҳои калимасозии ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ баррасӣ кардааст.

Дар автореферат нуктаҳои асосии дар рисола мавриди таҳқиқ қароргирифта зикр шуда, қайд мекунад, ки роҳҳои гуногуни ташаккули калимаҳои нав мавҷуд буда, ҳар яке аз ин роҳҳо бо тарзу воситаи ба вуҷуд овардани калимаю маънохои нав дар забон аз якдигар фарқ менамоянд ва роҳи алоҳидаи калимасозиро ташкил менамояд, калимасозии морфологӣ яке аз роҳҳои асосии ба вуҷуд овардани калимаҳо дар забони тоҷикӣ буданаш, нақши муҳим доштан дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ калимасозии вандӣ ё

Сканировано с CamScanner

морфологӣ яке аз роҳҳои асосии ба вуҷуд овардани калимаҳо маҳсуб шуда, дар ташаккули гурӯҳҳои сохтории калимаҳои мансуби исм, сифат, феъл ва зарф мебошад.

Таҳқиқот аз мукадцима ва ду бобу 32 фаслу зерфасл иборат аст. Дар муқадцимаи кор зарурияти таҳқиқи мавзӯъ асоснок ва ҳадафу вазифаҳои таҳқиқот муайян карда шудааст

Боби аввали диссертатсия оид ба калимасозӣ ва мавқеи он дар ташаккули гурӯҳҳои сохтории калимаҳо (дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ)» номгузорӣ шуда, ду фаслро дар бар мегирад. Дар фасли якум оид ба мафҳуми калимасозӣ ва масъалаҳои марбут ба он, фасли дуюм роҷеъ ба калимасозии морфологӣ дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ унвонгузорӣ шуда, дар он калимасозии морфологӣ дар ташаккули калимаҳо дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ, накши он ва тамоми хусусиятҳои калимасозиро мавриди таҳлил қарор додааст. Фасли сеюми диссертатсия дар бораи калимасозии пасвандҳо дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ, ки ба вижагиҳои гуногун марбут будани онро дар рафти таҳлил собит намудааст. .

Боби дуюми диссертатсия оид ба хусусиятҳои морфологии калимаҳои мураккаб ва заминаи ташаккули онҳо дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ буда, аз се фасл иборат аст. Дар фасли аввали он роҷеъ ба калимаҳои мураккаб ва низоми сохтори морфологии онҳо ва фасли дуюми он аз калимаҳои мураккаби пайваст ва заминаи морфологии ташаккули онҳо дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ ва ниҳоят фасли сеюм ба калимаҳои мураккаби тобеъ ва сохтори морфологии онҳо дар ғазалиёти Ҷалолиддини. Балхӣ бахшида шудааст. Калимаҳои мураккаби тобеъ, ки асосан, бо роҳи калимасозии лексикию синтаксисӣ ва калимасозии мураккаби морфологӣ сохта шуда, дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ зиёд истифода шудаанд. Тамоми калимаҳои мураккаби дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ истифодашуда ба маънои муайян далолат менамоянд, бо ин ё он роҳи калимасозӣ, дар заминаи ин ё он воситаҳо ё қолабҳои калимасозӣ сохта шудаанд. Вобаста ба гуногун будани

Сканировано с CamScanner

қолабҳои сохту таркиби морфологӣ ва қолабҳои сохтории ин гурӯҳ калимаҳо дар ғазалиёти шоир роҳҳои калимасозии онҳо ҳам гуногун мешаванд.

Ҷоизи қайд аст, ки ҳар як боби рисола бо хулосаҳои мушаххас ва дақиқ ҳаллу фасл гаштааст. Дар рисола ҳадафҳои дар наздаш гузоштаро муҳаққиқ дар асоси таҳлил ва баррасиҳои илмӣ ҳаматарафа арзёбӣ намудааст.

Натиҷаҳои бадастомада метавонанд дар раванди таълими равияи назарияи забоншиносии тоҷики таҳсилоти олии касбӣ ҳангоми машғулиятҳои назариявӣ ва амалӣ ҳамчун дастури таълимӣ истифода шаванд. Ғайр аз ин, натиҷаҳои таҳқиқотро метавон дар таълифи  китоби дарсии забони адабии тоҷик  мавриди истифода карор дод.

Ҳамин тавр, диссертант Ҷиҳонова Гулчаҳон Абдураҳмоновна вазифаҳои дар наздаш гузошташударо ҳаллу фасл кардааст, барои таълиф кардани чунин таҳқиқот осори зиёд ва ба мавзӯъ алоқамандро мутолиа намудааст.

Дар автореферати диссертатсияи мазкур баробари комёбиҳои зиёд баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо дар оянда ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ мушоҳида мегарданд;

2. Забони рисола равону илмӣ бошад ҳам, гоҳо ҷумлаҳои носуфта ба назар мерасанд.

3.Микдори фаслу зерфасл дар автореферат, дар қисмати сохтори диссертатсия нодуруст қайд оварда шудааст.

Эродҳои зикргардида арзиши илмии ин корро паст намекунанд ва онҳоро муаллиф метавонад дар таҳқиқотҳои оянда ислоҳ намояд.

Хулоса, таҳқиқот дар сатҳи лозимии илмӣ сурат гирифтааст. Ҷиҳонова Гулчаҳон Абдураҳмоновна аз адабиёти зиёд истифода бурда, тавонистааст мавзӯи илмиашро асоснок намояд.

Нашри мақолаҳои илмӣ ва баромадҳо дар конференсияҳо гувоҳӣ медиҳад, ки муаллифи рисола муҳаққиқи хуби илмӣ мебошад. Автореферати диссертатсия ва 7 мақолаи диссертант, ки 5-тои он дар маҷаллаҳои

Сканировано с CamScanner

таваҳсиякардадаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, пурра мундариҷаи диссертатсияро инъикос менамоянд

Дар маҷмӯъ автореферати диссертатсияи Ҷиҳонова Гулҷаҳон Абдураҳмоновна дар мавзуи “Замина ва тарзу воситаҳои калимасозӣ дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ” ба талаботи бандҳои 31-33 - и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгу мебошад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мебошад.

**Муқарриз:**

Доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи забон
ва адабиёти тоҷики факултети
забонҳои шарқи МДТ-и “Донишгоҳи
давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров” Шарипова М.З.
Сана: 29 08 соли 2025

**Маълумот барои тамос**:
Сурога: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вил., Суғд, шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1
Тел: (+992)927821445. E-mail: mutabar-1977@mail.ru

Имзои **Шарипова М.З.-**ро тасдиқ менамоям.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ-и “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Б.Ғафуров”: Сайдуллозода З.С.

Маълумот барои тамос:
Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вил., Суғд, шаҳри Хуҷанд,
гузаргоҳи Мавлонбеков, 1
Телефон: 6-52-73, 6-47-39 факс: 6-75-18;
E-mail: rector@hgu.tj
Сомонаи расми: www.hgu.tj
Сана: 29 08 соли 2025

Сканировано с CamScanner